Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи Номгӯи объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ, ки нисбат ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" татбиқ карда намешавад

Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Номгӯи замимагардидаи объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ, ки нисбат ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" татбиқ карда намешавад, тасдиқ карда шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе, аз 4 сентябри соли 2014 № 581

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "4" сентябри соли 2014 № 581
тасдиқ шудааст

## Номгӯи объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ, ки нисбат ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" татбиқ карда намешавад

1. Объектҳои идоракунии давлат ва дигар объектҳое, ки фаъолияти мақомоти давлатиро ҳам дар замони осоишта ва ҳам дар шароити ҷанг таъмин менамоянд.

2. Объектҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, қӯшунҳои сарҳадӣ, мудофиаи гражданӣ, мақомоти амният ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз он ҷумла:

1) объектҳои ҳарбӣ - мавзеи ҳарбии қӯшунҳо, нуқтаҳои идоракунӣ, полигонҳо, шӯъбаҳои алоқа, пойгоҳҳо, анборҳо ва дигар иншооти таъиноти ҳарбӣ;

2) объектҳои таҳти низом (режим) - объектҳои ҳарбӣ ва махсус, қисмҳои ҳарбӣ;

3) объектҳои саноати мудофиа - объектҳои коркард, истеҳсол ва таъмири силоҳ, тир, техника ё лавозимоти ҳарбӣ;

4) объектҳое, ки барои фаъолияти онҳо чораҳои иловагии амниятӣ муқаррар гардидааст;

5) объектҳои мудофиаи гражданӣ.

3. Объектҳои вобаста ба истеҳсол, коркард ва нигоҳдории заҳрҳои зудтаъсиркунанда, воситаҳои нашъаовар ва моддаҳои заҳролуд.

4. Объектҳое, ки бо тадқиқотҳои илмӣ ва истеҳсол, коркард ва гӯронидани элементҳо ва партовҳои радиоактивӣ, таҷҳизоту асбобҳои бо истифодаи моддаҳои радиоактивӣ ва изотопҳо машғуланд.

5. Объектҳое, ки бо истеҳсол ва таъмири аслиҳаи оташфишон ва лавозимот барои онҳо машғуланд.

6. Объектҳои Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

7. Объектҳои Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Объектҳое, ки идораи ҳаракати ҳавоиро таъмин менамоянд.

9. Объектҳои Хадамоти давлатии фелдегерӣ, марказҳои пахши барномаҳои телевизиону радиои Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

10. Объектҳои махсусгардонидашудаи истеҳсоли ғизои кӯдакон барои муассисаҳои тандурустӣ.

11. Объектҳои соҳаи илмӣ ва истеҳсолию таҷрибавие, ки ба ҳайати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Агентии ҳоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд.

12. Объектҳои соҳаи геодезия, харитасозӣ, обуҳавосанҷӣ ва назорати ҳолати муҳити зист ва ҳифзи табиат.

13. Хизматрасонии иҷтимоии аз ҷониби хадамоти давлатии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон расонидашаванда, ки номгӯи онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012, №724 "Дар бораи Тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ" муқаррар шудааст.